213415

УСМОН ОЛИМ

# ДОСТОНИ ВАТАНХОҲӢ





УСМОН ОЛИМ

# ДОСТОНИ ВАТАНХОҲӢ

*(достон аз як оилаи азиятдидаи ҷанги шаҳрвандӣ бо таҳриру такмили нав, бахшида ба ҷашни 20-солагии Истиқлолият)*

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ
ТОҶИКИСТОН»

Душанбе – 2011

ББК 84.4+тоҷик
У-50

*Аз китоби «Қуллакӯҳи асолат»*



**УСМОН ОЛИМ**

**Барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Камоли Хуҷандӣ, Ходими Шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ, Академики академияи мардумии санъат ва фарҳанги Варорӯдии «Нури Хуҷанд»**

## ПЕШГУФТОР

### Рӯзгоре, ки зеби ашъор аст.

«Достони Ватанхохи»-и шоири шинохтаи тоҷик Усмон Олим аз хотираҳои хотирмон нисбати дӯсти ҳамсабақаш, яке аз шахсиятҳои шинохта, оқилу фозил ва сиёсатмадори барҷастаи Хатлонзамин Саймумин Шамсов (Шамсзод) бо ҳарорати баланд ҳикоят мекунад ва аз меҳри як ҳамдиёр ба ҳамдиёр саршор аст. Ман аз он ба ваҷд омадам, ки аз мутоилаи ин достон симои як нафар шахси бедордилу шинос ва бароям бисёр азиз пеши рӯ омад ва аз баъзан сатрҳои ҷозибадору дарднок, ки мусибат аз ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ ба вуқӯъ омадааст, беихтиёр милки чашмонам нам гирифт. Ва ин марди воқеан ҳам достонзеб дар ҳаёт ниҳоят хислатҳои хуби одамшиносӣ ва накӯкорӣ ба одамонро дар замири дил мепарварид.

Ӯ инсоне буд, ки мақсуди буди худро барои худ не, балки барои дигарон

медонист ва ба ҳамин фарҳанги воло вазифаҳои гуногуни роҳбариро ба ҷо меоварқ. Аз ин рӯ дар эъҷодиёти бисёр қаламкашон, аз ҷумла камина ҳам, симои мардонагӣ ва одамгарии ин мард мавқеи хосса гирифтааст.

Дар достони Усмон Олим низ дар баробари хислатҳои ватанхоҳиву ватанпарастӣ, фалсафии беохир барои некӣ доштан, ҳифзи якпорчагии диёр зиракиву ҳушёрии сиёсӣ сафҳа-сафҳа илова ба достон дар силсилаи дигар шеърҳои шоир тасвири доманадор ёфтааст. Шоир инчунин барои ибрат гирифтан аз таърих ҳодисаҳои нохуши ҷанги ҳамватанӣ ва бо сарварии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба ваҳдат расидани миллатро самимона ба қалам додааст. Ва худи унвони достон дорои вожаи амиқи фалсафист. Ман дӯсти ҳамқаламам Усмон Олимро бо иншои ин асари дилсӯзаш аҳсант мегӯям.

***ҲАҚНАЗАРИ ҒОИБ,***
***Шоири халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти давлатии ба номи Устод А.Рӯдакӣ***

# ДОСТОНИ ВАТАНХОҲӢ

## *Достон*

***(ё чанд пора аз зиндагиномаи дӯсти ҳамсабақам Хуҷанд (1953 - 1957), Маскав (1969- 1971), ходими маъруфи ҷамъиятӣ, зиндаёд Саймӯъмини Шамсзодаи Хатлонӣ)***

*Аз баландӣ об менӯшад саҳоб,*
*Аз ҳамин ҷо рух кушояд офтоб.*

*Рамзи худ ифшо кунад кӯҳи машид,*
*В – аз сабурӣ бар баландиҳо расид.*

*Ҳар қадар боло шудӣ тӯфони Нӯҳ,*
*Боз мондӣ кӯҳ ҷояш пуршукӯҳ.*

*Аз ҳамин ҷо ҷӯшиши оби зулол,*
*Ки ҳаменӯшад нахустинаш ғизол.*

*Дар ҳамин ҷо ошён дорад уқоб,*
*То биёбад рӯзии худ аз яхоб.*

*Аз ҳамин ҷо мӯшикофони Суҳайл,*
*Кошифи наҷҷориаш доранд майл*

*Ин ҳама шебу фарози қуллакӯҳ,*
*Пандгӯӣ мекунад, ёбӣ футӯҳ.*

*Арчи ҳарфам链мармузона банд – банд,*
*Қуллакӯҳи БОАСОЛАТ лек панд.*

*Аз асолат сар шавад номусу ор,*
*Дор тарсад, он куҷо тарсад зи дор.*

*Рошидии қуллакӯҳ мустаҳкам аст,*
*Поядориаш ба китфи Рустам аст.*

*Аз асолатпешагон ёбад бино,*
*Устувориш Миҳан то қуллаҳо.*

*В – аз асолат пайкаре Оллоҳ сиришт,*
*Бо сиришташ ӯ ҷавонмардӣ бикишт.*

*Бо асолат ҳар касе ҳамтан шавад,*
*Ору нанги хешро ҷавшан шавад.*

*Аз асолат сар шавад созандагӣ,*
*Руштёбии Ватан, поядагӣ.*

*Аз асолат ёфтем имони кул,*
*В – арна бе он бонгамон бонги дуҳул.*

*Бо асолат миллати оринаҷод,*
*То кунун аст тоҷдори гурдзод.*

*Ҳам футуват, ҳам асолат доди Ҳақ,*
*Дар ниҳоди покбин тобад шафақ.*

*Нест нерӯе дуро созад ҷудо,*
*Гар ҷудосозӣ кунӣ, созӣ хато.*

*Ҳазрати Бобои Одам то кунун*
*Мечакад аз синааш зардоби хун.*

*Он яке фарзанди ӯ оқил буда*
*В-он дигар бо Иблису ҷоҳил буда.*

*Ҳобил умре ҳақпарастӣ мекунад,*
*Қобил аксаш феъли пастӣ мекунад.*

*Дар дили Ҳобил агар тарси Худост,*
*Во дарег, Шайтон ба Қобил «пешво»-ст.*

*Он яке бо шаҳраҳи Ихлос рафт,*
*В-он дигар бо ҷодуи Васвос рафт.*

*Во дарего, во дарего, во дарег.*
*З-ин амал ду чашми Одам рӯди мег.*

*Қобили Одам, ки шуд аз асл дур,*
*То кунун сӯзанда андар нори гӯр.*

*Бо дами Иблис хуни Ҳобил бирехт,*
*Ҳам асолат, ҳам футуват з-он гурехт.*

*То ҳанӯз аз Қобили шайтончабин,*
*Нола мехезад зи ҳар кунчи Замин.*

*Ҳар қадар хуни Сиёвуше чакид,*
*Раҳ ба раҳ Иблис аз шодӣ тапид.*

*Сулҳ гӯӣ, аз ғазаб тӯфон шавад,*
*Ҷанг гӯӣ, аз тараб ҷӯшон шавад.*

*Хоки кишвар рафту гар гулхан шавад,*
*Аз фусунаш кӯри он равған шавад.*

*Аз азал, ки азми Ҳобил рӯшан аст,*
*Ин ҷаҳону он ҷаҳонаш гулшан аст.*

*Аввалин сӯги ҷигар аз Одам аст,*
*Марсиянолиданаш то ин дам аст.*

*То кунун он марсия бо сӯзи худ*
*Ҳар кучҷое мотам аст, афзӯда дуд.*

*Навниҳоле, маъсуме гаштӣ шаҳид,*
*Ҳар нафас бо мост ӯ, уқбосаид.*

*Ҳар касе бо роҳи Ҳобил меравад,*
*Зилли ӯ бошад ҳаме зилли самад.*

*Маҳз Ҳобил бо футуватпешагӣ*
*Дастболо мешудӣ бар ҳар бадӣ.*

*Холиқи воҳид, ки худ Арш аст, шоҳ,*
*Хайру шарро худ ҳамесозад нигоҳ.*

*Бо футуватзодагон, ки ҳамдам аст,*
*Пояи ҳар шайтанат дар мотам аст.*

*Дасти хунини ҳазорон муштзӯр*
*Оқибат гаштӣ магоки мору мӯр.*

*Рӯҳи Ҳобил, ки қувои Рустам аст,*
*Душмани халқу Ватан ёбад шикаст.*

*Мармузи байтам сарири хома аст,*
*Аз футуватзодае шаҳнома аст.*

*Баски будӣ то абад бо асли хеш,*
*Хуфта асту зиндагӣ дорад ба пеш.*

## РОҲИ ДОНИШ

*Чанд тан мо зодаи кӯҳи баланд,*
*Роҳи дониш бурд моро бар Хуҷанд.*

*Дар ҳамин ҷо аввалин Донишгаҳ аст,*
*Толибони илмро меҳру маҳ аст.*

*Дар ҳамин ҷо ҳар яке аз ҳар канор,*
*Бо умеде омада донишшиор.*

*Он яке аз Ғарму аз Хатлон буда,*
*Дигаре аз Ванҷу аз Қурғон буда.*

*Хуллас он, ки толеаш хуршед тофт,*
*Дар дили ин боргаҳ маъво биёфт.*

*Ҳар яке бо ҳамдигар додар будӣ,*
*Дар камию костӣ ёвар будӣ.*

*Гарчи ҷанги Олмон гаштӣ тамом,*
*Лек ҷанги қаҳтиаш буд бардавом.*

*Қути ҳар тан ростӣ буд лоямут,*
*Қиссааш чун қиссаи буду набуд.*

*Бо лаби парчимзада дошишикор,*
*Нимсеру нимгурусна, рӯзадор.*

*Мисли Юсуф, ки гурусна лек мир,*
*Бо гизои маънавӣ будем сер.*

*Нимрӯзӣ нони қоқи сип – сияҳ,*
*Чун ҳамеёфтем ин, будем шаҳ.*

*Чор соли раб – расо аз помидор,*
*Қут меёфтем мо, бар дил мадор.*

*Буд шакаробаш гизои доимӣ,*
*Пири чойхона набинад, ҳеҷ камӣ.*

*Ҳар касе бар даргаҳаш мондӣ қудум,*
*Хешро аз шармдорӣ карда гум.*

*Боз лаълӣ рӯи дастон –помидор,*
*Чун набудаш нон агар, осон мадор.*

*Деви ҷанги Олмонӣ чун зуқум*[1],
*Офарид андар ҳаёт ин рӯзи шум.*

*Шакаробу шакаробу шакароб,*
*Рӯзии ҳаррӯзаю ҳам пешхоб.*

*Бозёфти он замон будӣ ҳамин,*
*Шукр мегуфтӣ, намегаштӣ ҳазин.*

## ЛУТФИ САЙМӮЪМИНИ ШАМСЗОДА

*Шамсзода гоҳ – гоҳ ҳини таом,*
*Лутфрезӣ менамуд, рӯи калом.*

*- Қиссаи мурги Самандар, гуфтаанд,*
*Як мавизу чил қаландар, гуфтаанд.*

*Ин мисол ҳарчанд гуфти мардумист,*
*Сар – сарӣ, маънӣ надидан, ҷоҳилист,*

*Чун самандар дар муҳити гармӣ пӯхт,*
*Аз дили оташ парид, аммо насӯхт.*

---

[1] Дарахтест фасодбор дар ҷаҳаннам.

*Мисли он ҳам мо биёбем обу тоб,*
*Пушти сар манҳус ҳамегардад азоб.*

*Чун Самандар мекунем парвозҳо,*
*Мерасем мо олами огозҳо.*

*Он дигар, ки дар сафар санҷидаанд,*
*Як мавизу чил қаландар дидаанд.*

*Ин мавизу чил қаландар гӯ, - кӣ ҳаст?*
*Ҳалқапечи шакароб он, ки нишаст....*

*Ранҷ бурда ганҷро орем даст,*
*Бози давлат пас яқин бар сар нишаст.*

*Ин ҳама гуфторҳо мангӯ зи ман,*
*Аз кутуботи навинанду кӯҳан.*

*Боби пирам, ки ҳаме буд ҳушманд,*
*Ҷои қандаш ин ҳама медод панд.*

*Бо Ҳамадонӣ, ки будӣ шомшин,*
*Аз каломаш буд каломаш нуктачин.*

*«Ҳар киро пой аст ҷӯяд рӯзие,*
*Ҳар киро по нест кун дилсӯзие».*

**Байти Ҷ.Румӣ.**

*Мамлакат – тан, дил дар он шоҳи кабир*
*Ақли воло гуфти Ҳақ, шаҳро вазир.*

*Чун бихезад моҷарои хайру шар,*
*Шар бимирад, хайр меёбад зафар.*

*Ақл чунки ҷавшани пиндори нек,*
*Деви шар аммо забарзангори дег...*

# ПАНДИ ҲАМАДОНӢ – ПАНДИ ПАДАР

*«Ҳар ки моро ёд кард, эзид мар - ӯро ёр бод,*
*Ҳар ки моро хор кард, аз умр бархурдор бод.*
*Ҳар ки андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,*
*Ҳар гуле к- аз боги васлаш бишкуфад, бехор бод.*
*Дар ду олам нест моро бо касе гарди губор,*
*Ҳар ки моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.*

*(Мирсаидалии Ҳамадонӣ)*

* * *

## РУҶӮЪ

*Ҳар ки соҳибмаснадасту меҳтар аст,*
*Нагз донад решахокаш кеҳтар аст.*

*Бо Саидмумин чу будам ҳамсабақ,*
*Менамудӣ тинаташ мисли шафақ.*

*Яксухан, якрою якпаймон буда,*
*Ҳарфи худро қозию султон буда.*

*Ҳар куҷое маснади боло гирифт,*
*Ҳусни маснад бо хирад воло гирифт .*

*Мўъминобод доимо ёдаш кунад,*
*Зикри хайри мўминон шодаш кунад.*

*Зикри хайраш чун намояд пахтакор,*
*Милки чашмаш нам гирад беихтиёр*

*Чунки умре ҳамишинаш бечора буд,*
*То биёбад чораш овора буд,*

*Бар шифохона ҳазорон роҳхат,*
*3- ин гирифтастӣ басе осон мадад.*

*Аз Қрим оне навиштӣ номаро,*
*Ки зи дарди мўҳлика гаштӣ раҳо.*

*Дигаре гўяд, ки буд даҳсола шал,*
*Гармчашма з-он гирифт асобагал.*

*Навҷавонӣ рафту гарчӣ гашт пир,*
*Ҷуфти дандонаш, вале тобанда шир.*

*Номаҳо аз чор сў бо номи ў,*
*То кунун пурҳасратанду розгў.*

*Оре, будӣ солҳо курсинишин,*
*Аз қудумаш шодмон Хатлонзамин.*

*Лек ҷои давлати пирӣ, азоб,*
*Бар сараш омад чу санги осиёб.*

## НАЗАРИ САЙМУМИН БА ҶАНГИ БЕМАЪНӢ

*Даргариҳои Ватан пеши назар,*
*Дида – дида мешудӣ хуни ҷигар.*

*Ин чӣ гап, ки тоҷики соҳибфунун,*
*Сохтӣ аз ваҳшаташ дарёи хун?*

*Ин чӣ гап, ки аҷнабии аҳриман,*
*Тоҷиконро гӯл зад бе як сухан.*

*Ин ба ону он ба ин андар камин,*
*То бирезад хуни ноҳақ бар замин.*

*Аз фигони ҳар замон гулгункафан,*
*Шаҳру рустои Ватан шуд дилбазан.*

*Тоқаташ, ки тоқ шуд марди баҳуш,*
*Хуни гурдаш дар бадан омад ба ҷӯш*

*Ҳифзи миллат баски қарзи миллат аст,*
*Як нафас гофилшинӣ орад шикаст.*

*Ҳамсари якумрааш Ҳофизамоҳ,*
*Бо ҳама пиндори шавҳар буд ризо.*

*Даст боло доимо сӯи Худо;*
*- Рӯзи даҳшатро бубар аз мулки мо.*

*Чида – чида навхатони гул барин,*
*Бармаҳал рафтанд бар қаъри замин.*

*Ин чӣ гап, ки аз дами борони тир,*
*Бодрезон турбати барною пир.*

*Тифлакон дар кӯчаҳо момосурог,*
*Модарон дар бандҳою синадог.*

## ПАДАР БА ПИСАР...

*Тарфи Абдухолиқи болобаланд,*
*Ҳарфи таъкиди падар буд сӯзманд:*

*- Гуфтаи Огои IV – акрамтамиз,*
*Ҳар ки таҳфизӣ кунад, гардад азиз.*

*Дурр суфтӣ ҳиши ҷанги мулксӯз,*
*Ҳалқагуши панди Имом то ҳанӯз:*

*- Ҳурмати модар – падар, оре баланд,*
*Ҳурмати давлат вале аз он дучанд:*

*Байти худ гар волида шуд сарпараст,*
*Сарпарасти халқу Миҳан давлат аст.*

*Он, ки мансабдӯст шуд, гумроҳ шуд,*
*В–он касе гумроҳ шуд, бар чоҳ шуд.*

* * *

*Сарваре Олӣ сари маснад нишаст,*
*Ҳифзи тоҷаш фарз ҳастӣ аз аласт.*

*Садри рӯшанбини мо Эмомалист,*
*Мисли ӯ сарвар дар ин аём нест.*

*Ӯ ба мою мо ба ӯ ҳамтан шавем,*
*Бар дифои тоҷи ӯ оҳан шавем.*

*Ору нанги миллӣ бар тан доштан,*
*Парчами миллат ба арш афрохтан.*

*Зиракиро ҳар касе аз даст дод,*
*Барда гардад аҷнабиро умрбод.*

*Ғайрати Рустам ба тан мардонагист,*
*Тан агар аз ин ҷудо, девонагист.*

*Даргириш тоҷикон бас фитна аст,*
*Қотили Исёвушон бегона аст.*

*Даҳ нигини рустамона гашт, мушт,*
*Душмани ҷонӣ ҳамехобад ба пушт.*

*Душмани берун агар, ки аҷдар аст,*
*Душмани дохил аз он аҷдартар аст.*

*Дуяшон, ки бо Азозил ҳамтананд,*
*Амну айши зиндагиро гулхананд.*

*Сулҳро чун Садрамон ҷавшан шавем,*
*Соҳибони ду ҷаҳон; гулшан шавем.*

*Ҷоннисорӣ бар Ватан қарз аст, қарз,*
*Лозим ояд ҳар гаҳе, фарз аст, фарз.*

# ЭҲСОСИ АБДУХОЛИҚ
# АЗ ПАНДИ ПАДАР

*Ин каломе, ки ҳамегуфтӣ падар,*
*Сӯхтӣ гӯё тану ҷони писар.*

*Арчӣ будӣ Абдухолиқ соябон,*
*Ҷо намуд андарзро дар магзи ҷон.*

*Волидонро хайр гуфту раҳ гирифт,*
*Тӯшараҳ танҳо дуо ҳамраҳ гирифт.*

*Ӯ ҳамерафту надид алмоси гам.*
*Тору нуди волидон бинмуд қалам.*

*Ӯ куҷо дидӣ қафо, бому дараш,*
*Навҳаҳои тифлакону ҳамсараш.*

*Чор хоҳар арчи гирди модаранд,*
*Лек худ сӯзандатар аз ахгаранд.*

*Гоми афсар рустамона сӯи пеш,*
*Лек қалбаш сӯи пирон реш – реш.*

*Абдуҷабборам кунун бар зери кор,*
*Волидонро муттакою дастёр.*

*Ҳар чӣ ояд аз қазо бояд, ки ман,*
*Лозим ояд ҷон диҳам баҳри Ватан.*

*Гуфти Сарвар, Сулҳро таъмин кунем,*
*Наҷми Истиқлолро Парвин кунем.*

*Ҳамчу рамзи Сулҳ буд андар назар,*
*Сулҳияҷони азизаш ҷилвагар.*

*Аз Маниҷа, Мавзуна бо номи худ,*
*Сад таманно доштӣ, хонда суруд!*

*– «Сулҳ баҳорест баҳор оварад[1],*
*Равнақу шодию барор овардид.*

*Сулҳ бувад шаршараи ҷӯйи об,*
*Сулҳ бувад ҳусни пур аз обу тоб».*

*Ӯ бидидӣ, ғофилон бебаҳраанд,*
*Ҷойи тинҷӣ, сар зи тан меоваранд.*

*Зидди Ризвон, зиди Раҳмони Адолф,*
*Теғро бояд бигирем аз ғилоф.*

*Раҳми қотил хӯрдан андар набард,*
*Қатилиро дон, ки худ бар ом кард.*

*1. Байтҳои А.Шукӯҳӣ*

*Қисмати ҳар бандааш, ки худ навишт,*
*Ҳеҷ кас табъаш начид, он чӣ бикишт.*

*Сад дарего айни сӯзосӯзи Рашт,*
*Рафт Абдухолиқу дигар нагашт...*

*Дида - дида ин ҳама хашми «ҷиҳод»,*
*Ҳастии худро ба ҳифзи Сулҳ дод.*

*Ӯ бидидӣ чун табасбӯси табор,*
*Пора гардад боз ҳам марзи диёр.*

*Охир ин хулди замин маъвои мост,*
*Хостгоҳи ориён байзои мост.*

## ШОКИРӢ

*Шукр, арчи гуфт номаълум падар,*
*Лек сина замзам аз хуни ҷигар.*

*Пайкараш гарчанд буд гурди таҳам,*
*Пахш кард аммо Таҳамро кӯҳи гам.*

*Чун нисаргумкарда дар ҷанги палид,*
*То дами хобаш ҳамеҷустӣ шаҳид.*

Лек байни фавҷ - фавҷи издиҳом,
Боз гулбонгаш ҳамин буд, бардавом:

- Ҷанг не, ин ҷӯшиши васвосӣ аст,
Неку бад нашнохтан ханносӣ аст.

Гар набидҳем Аҳриманро мо шикаст,
Мӯҳраи миллат ҳамедон, ки шикаст,

Кист тоҷик? – Зодаи як волидайн,
Чун тане, ки ҳаст зебо бо ду айн.

Ҳар киро номуси миллат дар тан аст,
Пушт- пушташ Рустаму Рӯинтан аст.

Ҷои якто шермардам, ки бирафт,
Шукри Холиқ боз тайёранд ҳафт.

Баъди Холиқ, гуфт Фарҳодҷон-ш::-ман
Бар алайҳи хасми миллат тегзан.

Саъдиҷон гӯяд, ки ман бо путки мушт,
Қотили акомро хоҳам бикушт.

Қавли Фирдавсист, сар аз тан диҳем,
Беҳ аз он, ки мулк бар душман диҳем,

*Тоҷикистон, ҳамдиёрон, модар аст,*
*Ҳифзи модар ҳикмати Пайғамбар аст.*

*Бе сиёсат мулкбонӣ хомӣ аст,*
*Пояи пархошагӣ бадномӣ аст.*

*Ғофилиро гар ҳамедид тоҷдор,*
*Кай ҷудо мешуд Самарқанду Бухор.*

*Ҳаст лозим иттиҳоду якдилӣ,*
*Дасти мою домани Эмомалӣ.*

## САДОИ «ХОКИ ВАТАН»
***(ба гӯши тоҷикбачаи ғарибе)***

*Аз садои гӯшаи «Хоки Ватан»*
*Ҷони нав гирад басе уфтодатан,*

*Сад ҳазорон ҳаммиҳан бо мушти зӯр,*
*Руди Омӯро намудастӣ убур.*

*Дашту саҳроҳои Афғон мавҷзан,*
*Зери барфу зери борон марду зан.*

*Пеш-пеши гирдбоди гиз-гизак,*
*Кӯдаке то ними шаб ҳезумчинак.*

*То ба хайма андаке гармӣ расад,*
*Чунки момаш зиндаи берунлаҳад.*

*Ранҷдида бистарии бемадор,*
*Марги худро ҳар замоне интизор.*

*То намояд хизмати модар ба ҷо,*
*Кӯдакасту ақли пираш муттако,*

*Чун садои Садрамон гӯшаш шунид,*
*Шодиёна ашки сӯзонаш чакид.*

*Гуфт:-момо мулкамон субҳи сапед,*
*Бар садои Садрамон дорам умед.*

*Бору бунаш ҳар яке гун кардааст,*
*Киштӣ меояд, ба он бояд нишаст.*

*Хез аз ҷо, мекунем Ому убур,*
*Ҷон диҳӣ ҳам, хоки худ ҷои ҳузур.*

*Бо садои гӯшаи «Хоки Ватан»,*
*Ҳамсадо гаштӣ ҳаме аз сад даман.*

*Бас фирорӣ гарчӣ рафтӣ баҳру бар,*
*Боз огӯшаш намудӣ бому дар.*

*Баъди Сомон, Оли Сомон кофтем,*
*Тоҷдори соҳибимон ёфтем.*

## ГАР АСОИ ПИРИРО АЗ ДАСТ ДОД...

*Гар асои пириро аз даст дод,*
*Аслзода даррасидӣ бар мурод.*

*Рӯи гарми Холиқашро гар надид,*
*Лек дидаш бар фӯтӯҳрӯзӣ расид.*

*Шамси Ваҳдат, Шамси Сулҳи*
*ҷовидон.*
*Кард дар бар марзу буми тоҷикон,*

*Чун фирорӣ буд басе аз буму бар,*
*Боз оғӯшаш гирифтӣ бому дар.*

*Дар кашидӣ кисваи мотамсаро,*
*Бар намудӣ хилъати идонаро.*

*Ду тараф рӯшан бидид анҷоми ҷанг,*
*Луқмапоӣ мекунад рӯбоҳи ланг.*

*Пас тарозуадл шуд ақли ҷадид,*
*Шаҳкитоби оштӣ имзо бидид.*

*Рӯҳи садҳо гӯрамарги зиндаёд,*
*Шедроҳи васли тоҷикон кушод.*

*Мисли садҳо Холиқи холиқназар,*
*Умрҳо ҳампои мо, андар сафар.*

*Ҳар шуҷо, ки ҷони ширин додааст,*
*Достони тозаю накшодааст.*

*Мисли Абухолиқи меҳанпараст,*
*Чида-чида навхатон рафтӣ зи даст.*

*Ёд бодо, ёд бодо, ёд бод,*
*Ҳар яке дар ҳифзи миллат ҷон бидод.*

## ХОБИ МОДАР ФАРЗАНДРО

*Дар ҳамин дам як шабе моми рашид,*
*Холиқи гумкардаро дар хоб дид.*

*Ӯ ҳамегуфтӣ: - Салом, эй модарам,*
*То саротилмустақим тоҷи сарам.*

*Чун сиёвушзодагон ман зиндаам,*
*Бехи зулматро зи бунаш кандаам.*

*Ман шаҳидам, ман шаҳидам, ман шаҳид,*
*Хуни покам дар раҳи Ваҳдат чакид.*

*Оби Кавсар доимо пеши ман аст,*
*Ҳар шаҳиде ҳамдаму хеши ман аст.*

*Чун раҳо гардид аз варта Ватан,*
*Қаҳри ҳақ оянд, зи шеванҳо задан.*

*Дарддида бонг зад аз хоби худ,*
*Гӯиё бардоштӣ чархи кабуд.*

*Қисса кӯтаҳ аҳли байташ чун шунид,*
*Ҳар яке к-аз хоби модар лаб газид.*

## ҚУРЪАИ ХОБ

*Боби соҳибдил аз ин қуръа кушод:*
*Хонаи Каъба бихондат зиндаёд.*

*Аҳд якто: Маккатулло – роҳи ту,*
*Абдуҷаббори азиз – ҳамроҳи ту.*

*Ҳар намозам шукрхонӣ мекунам,*
*Тифлаконро меҳрубонӣ мекунам.*

*Ҷои ман ҳам чун намоӣ ту тавоф,*
*Ту ба ин манро барорӣ Кӯҳи Қоф.*

*Ҳар гаҳе, ки санг бар шайтон занӣ,*
*Шод гардам ҷои ман ҳам он занӣ.*

*То дигарбора касиф, мардуди шум,*
*Марзи поки мо намонад ӯ қудум.*

*Охир ин ҳурдубиҳишт маншои мост,*
*Рӯҳҷои ориён, байзои мост.*

*Роҳбуни ҳар бало Аҳримин аст,*
*Ҳар киро домаш гирад, гулханзан аст.*

*Ҳоҷиоя чун расидӣ аз тавоф,*
*Он Ҳафиза гӯ куҷо, қудсест, соф.*

*Соф буд чун оби Замзам соф буд,*
*Поктар аз ҳар гунаҳ, алтоф буд.*

*Гуфт ҳар гоҳе ки будам дар намоз,*
*Бо шибеҳаш Холиқам мегуфт роз:*

*- Модаро, ҳар лаҳза мебинам туро,*
*Дар Ҳарам, ҳам дар Сафою Марвҷо.*

*Ҳар ибодат паҳлуят истодаам,*
*Ҳукми Ҳақ, дар хидматат омодаам.*

*Ман шаҳидам хизросо зиндаам,*
*Ҳафт пуштатро сафобахшандаам.*

*Собирии моми Исо пеша кун,*
*Гиря манмо, охират андеша кун.*

*Тӯшароҳат собирию шокирист,*
*Ҳам ибодат, чизи дигар чора нест.*

*Баъди ҳаҷҷам боз ҳарфаш шуд ҳамел:*
*«Умри серӯза ҳамин некӯст, феъл».*

*Ин шабеҳи Абдухолиқ то абад,*
*Ҳамраҳи ман то ба фардо меравад.*

*3-ин падар ҳам шукрхоӣ пеша кард,*
*Ҳар қадар ранҷур буд, андеша кард.*

*Чун падарҳои падар буд арҷманд,*
*Бо футуватпешагӣ тахти баланд.*

*Гар чи бар нафъи Ватан ҳастӣ бидод,*
*Лек кай аз ҷоннисорӣ лаб кушод.*

*Ӯ набудӣ ҳеҷ гаҳ аз пушти чиз,*
*Чунки султони ниҳодаш буд тамиз.*

## РӮЗИ ВАҲДАТ

*Давлати пирӣ, ки меродӣ, бидид,*
*Оштии ду тараф имзо расид.*

*Рӯзи Ваҳдат, рӯзи сулҳу лутфу лин,*
*Ҳамчу меҳри Меҳр мондӣ дар замин.*

*Шамсзода аз таманнои дилаш,*
*Ид мероост, андар манзилаш.*

*Ҷашнвори Олӣ Сомон пуршукӯҳ,*
*Аз шукӯҳаш баҳру бар бигрифт рӯҳ.*

*Он яке аз Токио меҳмон будӣ,*
*В-он дигар аз Африқо меҳмон будӣ.*

*Сеюмин аз Чину Балкан омада,*
*Бар биҳишти кӯҳдоман омада.*

*Аз Душанбе ҳар касе дидан намуд,*
*Боғи дилро як ба даҳ рӯшан намуд.*

*Чун бидиди Олӣ Сомон тоҷвар,*
*Тоҷ мегирад аз он Шамсу Қамар.*

*Ёдгори Мири Исмоил бубин,*
*Осмон таъзимдеҳаш дар замин.*

*Бо қувои Кӯҳкан, саъйи матин,*
*Роҳи абрешим расидӣ марзи Чин.*

*Роҳи оҳан, ки расид Кӯлобшаҳр,*
*Шайпури шодӣ гирифт, оғӯш даҳр.*

*Дар ҳамин ҷо – саргаҳи шаҳри кӯҳан,*
*Ҷӯш мезад издиҳоми марду зан.*

*Он касе, ки аз қатора по ниҳод,*
*Дастагулҳо пешкаш, аз аслзод.*

*Меҳмонон – меҳтаранду кеҳтаранд,*
*Нест фарқе, ҳар яке тоҷи саранд.*

*Мавҷи ханда, мавҷи шодию наво,*
*- Роҳи оҳан!! Роҳи оҳан!! – марҳабо!.*

*Дар ҳамин ҳин чун фуромад Садрамон,*
*Сарфарозӣ ёфтӣ з-он Каҳкашон.*

*Нури имон аз ҷабинаш рез-рез,*
*Саҳна шуд аз гулфишонӣ мушкбез.*

*Ҳамдиёрон бо сипосу бо дуруд,*
*Баҳри дилро бар висолаш мекушуд.*

*Дар ҳамин ҳин баъди Боби Миралӣ,*
*Даст дод бо Шамсзод Эмомалӣ.*

*Рӯзи ҷашни давлати Сомониён,*
*Аз ҳамин ҷо нақш шуд рангинкамон.*

*Гуфт мебуд Олӣ Сомон дар ҳаёт,*
*Тоҷи зарриншоҳиро худ мениҳод.*

*Он ҳама савгандҳо андар Хуҷанд,*
*Бо амал сад нақш девон гаштаанд.*

*Сулҳу Ваҳдат ҷовидонӣ тавъаманд,*
*Ҷоҳ баҳри хасми миллат мекананд.*

(9-сентябри соли 1999 соати 10:30 митинги пуршукӯҳ ба муносибати нахустин бор аз Саргазон то Кӯлобшаҳр омадани қаторахои поезд баргузор гардид. Ва бегоҳии ҳамон рӯзи ид тайёраҳо ба Душанбешаҳр – иштрок кардан дар тантанаи 1100-солагии Давлати Сомониён баргаштем ва шодравон Саймӯмин Шамсов низ ҳамроҳамон буд.)

## РУҶӮЪ

*Панди Қуръон, умри одам нимнафас,*
*Мург чун гаштӣ раҳо, монад қафас.*

*Бар дарахти маърифат даҳ мевааст,*
*Даҳуминаш марг, ки думбол-т, ҳаст.*

*Шамсзода ҳис намуд пеш аз раҳил,*
*Медиҳад огоҳиаш амрози дил.*

*Дар ҳамин як фурсати оҳудаваш,*
*Чанд лаҳза мегузаштӣ аз дилаш.*

* * *

*Дар Хуҷанди бостон, таҳсили илм,*
*Достони ростон – пирони ҳилм.*

*Ҳазрати Пирам агар даҳасра хоб,*
*Рафтуои саҷдаораш – беҳисоб.*

*Чун Ҳамадонӣ мазораш ҷаннат аст,*
*Рӯҳи покаш ҳар нафас бо уммат аст.*

***

## ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲ

*Осимию Очилӣ Ҳайдар, Назир,*
*Ҳар яке бо донишаш Пири Хизир.*

## ҲАМСАБАҚҲОИ ХУҶАНДӢ

*Нурзод аз Вешаби мавлоназар,*
*Ҳам Шарифи Даргиш ҳазлаш шакар.*

## ҶАВОНОЛИМИ ОРИФ

*Гоҳ-гоҳ аз маҳфили Юсуф Салим,*
*Медамид андар дилаш сури наим.*

*  *  *

*Чор соли каҳтбошӣ шакароб,*
*Ҳифз бинмуд ҷони ҳар танро зи хоб.*

## ЁДЕ ЗИ МАСКАВ

*Боз ёдаш ҷониби Маскав парид,*
*Лек ин ҷо чашм нони серӣ дид.*

* * *

*Мегузазаштӣ пеши дида чун навор,*
*Ҳамсабақҳои намакро посдор.*

## ИЗЗАТУЛЛО ҲАЁЕВ – ХОДИМИ НАМОЁНИ ҶАМЪИЯТӢ

*Иззатулло – ҳотами волохирад,*
*Бе рафиқон майдонаш нанхӯрад.*

*Аз сахояш, ки сахо бигрифт баҳр*
*Ном-ш шуд «Дарвозаи Кӯлобшаҳр».*

## НИЗОРАМОҲ ЗАРИФОВА

*Чун ба Маскав омадӣ Низорамоҳ,*
*Шодмонимон расад бар Меҳру Моҳ.*

*Ҳусни лутфаш, ҳусни лутфи моми мост,*
*Ҳар куҷо мондӣ қудум дар дида ҷост.*

*Куртаи атлас ҳам андар бараш.*
*Ҳуснрезӣ менамуд бар пайкараш*

## АҶЗИК АЗИЗОВ - ХОДИМИ НАМОЁНИ ҲИЗБӢ

*Ачзику ҳам Муҳаммад зиндаанд,*
*Бо ҳалимӣ меҳр дар дил кандаанд.*

*Он яке аз Дангара, дигар зи Ғарм*
*Маҳфиле, ки ду будӣ, мегашт гарм*

## АРБОБИ НАМОЁНИ ФАРҲАНГ

*Акбари Ҷӯра чу наттоқи сухан,*
*Ҳуснббахши маҳфилоту анҷуман.*

## ХОҲАРОНИ БОМИ ҶАҲОН

*Ҳам Муҳаббат, Фотима айнан биҳишт,*
*Тухми одобу адаб андар сиришт.*

## ШИРИНКОРОН УЛФАТШОИ ДАВЛАТ ВА ФАТУЛОВ

*Гаҳ «дарози соягум» - ҳазли Фатул,*
*Каҳ – қаҳа ҳар базмро мекард гул.*

*З-ин вале аз Улфати улфатпазир,*
*Ҷои ранҷиш хандаааш буд кўргир.*

*Гуфт шоме: - «Эй бародарҳо «зуқум»,*
*Деги оши дамшуда гаштаст, гум».*

*Мегузаштӣ, мегузаштӣ чун навор,*
*Дўстони дўстиро посдор:*

## ЁДЕ АЗ Г.В.ЗУБАРЕВ - СОБИҚ МУОВИНИ АВВАЛИ РАИСИ ШЎРОИ ВАЗИРОНИ ТОҶИКИСТОН

*Он Забурови ба мансаб чеҳрадор,*
*Бохабар аз гарму сарди рўзгор.*

*Бо хабар аз ваҳшати Ҷанги Ҷаҳон,*
*Изи тираш то кунун дар дил ниҳон.*

*- Гарчи русам аврупоизодаам,*
*Бар русуми шарқиён дилдодаам.*

*Шишту хезам солҳо, ки бо шумост,*
*Тоҷикистон ҷаннати яктои мост.*
*Ҳар касе, ки хони тоҷик дидааст,*
*То равон аст, ў бувад бо бўи маст.*

*Гоҳ-гоҳ меҳмони моён мешудӣ,*
*Кампулеро беш ҷӯён мешудӣ.*

## Г.В.МИТРОН - РЕКТОРИ МАКТАБИ ОЛӢ

*Гом мезад гоҳ-гоҳе бо салом,*
*Садри мактаб Митирони хушкалом.*

*Ёд мекард аз Сталин, Молутуф,*
*Ҳамсафонаш Паспилову Суслуф.*

*Ҳар яке дар мизи худ буданд кӯҳ,*
*Лек садҳо мешуданд бишкастарӯҳ.*

*Мисли Кирову Бухарин беадад,*
*Маргашон танҳо будӣ кину ҳасад.*

*Марги Кируф то кунун норӯшан аст,*
*Гарчи садҳо бегуноҳон мадфан аст.*

*Мефузудӣ ҳар каломаш рамздор,*
*Мо ба ҳар оварди Митрон дидачор.*

* * *

*Мегузаштӣ, мегузаштӣ, аз назар,*
*Доҳиёни мухталифи буму бар.*

## ДОҲИЁНИ ҲАР АМЛОК МЕҲМОНИ МО

*Гоҳ Кастро, гоҳ Содот, гаҳ Расул,*
*Гоҳ Ҷивкуф, Шоҳ Довуд, гаҳ Раул.*

*Воизони Мактаби Олӣ буда,*
*Ҷои эшон то кунун холӣ буда.*

*Мегузаштӣ, мегузаштӣ аз хаёл,*
*Ҳар сухангуфтор будӣ хол-хол.*

## САЙМӮМИН ШАМСОВ ВА АҲЛИ ШУАРО

*Шамсзода Мӯъмини доништпазир,*
*Аҳли ҳилмро будӣ назир.*

*Чун ба Кулоб омадӣ аҳли хирад,*
*Бо тамоми азм будӣ раҳбалад.*
*Ҳалқагӯшаш доштӣ панди насаб:*
*«Гӯш бинмо бештар аҳли адаб».*

*Аз ҳазорон ҷилди маънии хароб,*
*Ҳаст як шаҳбайти шоир шаҳкитоб.*

*Базми маҳфил ҳар гаҳ омад бар қиём,*
*Бехабар худ шоирӣ ҷои Кором.*

## ДАР МЕҲМОНИИ С.ВАЛИЗОДА

*Чун Вализода суруд хонад, - дутор,*
*Гӯш бо ӯ ҳамегардид ёр.*

*Аз гарибиҳои худ андар Сибир,*
*К-ӯ чи сон «душман» бигаштаю асир.*

*Аз дили шаб то саҳар зам менамуд,*
*Дидаро аз об Замзам менамуд.*

## РАИСБОБО- М.МАҲМАДАЛИЕВ

*Мирал ӣ – бобо, ки буд кони масал,*
*Дарди шоирро ҳамегаштӣ асал.*

*Шоиронро ӯ ҳаме буд мутакко,*
*Дар ҳама аҳвол монанди асо.*

# ЛУТФГӮИИ САФО АШӮРИ МУҲАРРИР

*Халтаи ҳазлаш кушояд чун Ашӯр,*
*Ашки шодӣ медамид аз чашми кӯр.*

*Як замоне ҳамшинаш Мирзо Табар,*
*Арз меорад ду досташ пеши бар.*

*Ту муҳаррир доимо андар сафар,*
*Лек ман ҷое надидастам дигар.*

*Харҷиёти ду тараф бар гарданам,*
*Муддаои дил Душанбе диданам.*

*Рози Мирзо, ки будӣ доим чунин,*
*Пас Сафо инро намондӣ бар замин.*

*Шаҳрнодид дӯстро бар шаҳр бурд,*
*То бубинад қиссаи буду набуд.*

*Дуяшон аввал гирифта «Вахш»-ҷо,*
*Пас бирафтанд, аз паси кайфу сафо.*

*Соли ҷанги Олмон, ки қаҳтӣ аст,*
*Кӯчаҳо пур аз зани кӯтоҳдаст.*

*Бо ишора ду зани уфтодаҳол,*
*Мешаванд аз пушти эшон покашол.*

*Аз чунин манзар дили Мирзо Табар,*
*Гӯиё дар сина мезад болу пар.*

*Баски кайҳо «бева»-и занмурда буд,*
*Дар чӣ ҳоланд ин ду пир, фарқаш набуд.*

*Ҳушу ёдаш восилӣ ояд ба даст,*
*Ташнагии «ишқ»-ро бояд шикаст.*

*Ошхона, шаҳрбоғи нозанин,*
*«Кӣ чу ман кайфар ҳамеёбад чунин»*

*Пас Сафо: - Мирзо ба гӯши рост гир,*
*Аввало оҷизаҳо гарданд сер.*

*Як назар кун, ҳам ба ину ҳам ба он,*
*Гӯм шуда андар варам чашмонашон.*

*Бо хаёлам ҷои дандон вира ҳаст,*
*Ҳарчи бошад биваҳои тозамаст.*

*Хуб ҷонам, «қайлаю» вино қатор,*
*Пешхизмат қобиластӣ ҳарчиор.*

*Хоб зад бар пои Мирзо як лагад.*

*Ақл гум, гӯё намедидӣ касе,*
*Пеши чашмонаш ҳама мардум хасе.*

*«Беваҳора гӯ куҷо охир барем,*
*О, Сафоҷонам бигӯ, ки дар гирем?»*

*Мастиҳо бар пиразанҳо кор дод,*
*Ҳарду халта пур шудӣ аз ҳар мавод.*

*Ин «даромад» бар ятимон мерасад,*
*Мисли кути лоямутӣ – нанмурад.*

*Худ қафою пеш-пеш «олуфтаҳо»,*
*Даррасиданд даргаҳи меҳмонсаро.*

*Гуфт ҳарду: - олуфтаҳои маҳлиқо,*
*Дар хами дар як нафас истед, мо -*

*Хӯҷаини «Вахш»-ро розӣ кунем,*
*То саҳар пас кайфу позӣ кунем.*

*Баъди посе ошиқони сусту муст,*
*Чун фуруди дар шудӣ, пӯшидарӯст.*

*Бо тавозу дидбон дарро кушод,*
*Лек ҷои «ду парӣ» ҳунгоси бод.*

*То кунун шайдоши Мирзо Табар,*
*Қисса гашӣ қиссаи шаҳду шакар.*

## УСТОД АШӮР САФАР БО РАИСБОБО

*Гуфт Ашӯр: - Эй Мирали фарзанд мул,*
*Фазлиддин болояшон гаштӣ қабул.*

* * *

*Аз бароп дӯстам Қутбӣ Киром,*
*Шонакобӣ менамоям ман мудом.*

* * *

*Рӯшноиро шабон ҳаргиз макоб,*
*Аз сари Қутбӣ бароянд моҳтоб.*

## ДАР МЕҲМОНИИ ОДИНА ҲОШИМ

*Нолаи Танбури Ҳошим аз ҷигар,*
*Чунки ҳаст, аз дарди ҳофиз навҳагар.*

* * *

*Ростӣ аз Шамсзод аҳли қалам,*
*Сарфирозӣ мекунад то ҳаст дам.*

*Ҳамчу фарди солҳо курсинишин,*
*Нағз донад, кӣ ҳавою кӣ замин.*

*Нағз донад дар равоти чашмзан,*
*Кӣ расонад обу кӣ кӯзашикан.*

## ҒУРУБИ УМРИ ҶОВИД

*Чун аҷал, ки даррасидӣ бо ситез,*
*Нест аз чанги аҷал ҷои гурез.*

*Дуҳазору боз бар болош се,*
*Хоби ӯро гар биҷӯяд ҳар касе.*

*Баски кардӣ номи некӯяш кутуб,*
*Мисли шамси нурзиё кардӣ ғуруб.*

*Зикри хайри сад ҳазорон ҳамдиёр,*
*Лавҳае, ки: ҳаст бо мо ҳамқатор.*

*Сӯгвори аҳли байташ сӯги мост,*
*Чунки буд андарзи умраш роҳи рост.*

*Гарчи додаш ростӣ гоҳо ҳазин,*
*Шукр гуфтӣ ӯ набигрифтӣ ҷабин.*

*Каҷшиҳоде, гоибаш бадрӯӣ кард,*
*Ин варо Луқмонсифат хушгӯӣ кард.*

*То тавонӣ Ҳобили Одам бишав,*
*Монда аз ӯ некии умри бидав.*

*То тавон аз Қобили Одам гурез,*
*Монда аз ӯ кӯраи кину ситез.*

# РУҶӮИ ИЛҲОМ

*Он чӣ овардам зи ёди Шамсзод,*
*Аз баёзи хотирам илҳом дод.*

*Баски андар ёди мардум зиндааст.*
*Зикри хайраш нақшмон, зебандааст,*

*Зикри хайри банда омад дострон,*
*То фузун гарданд, сонаш рostон.*

*Ростонро ҳар қадар ёд оварӣ,*
*Рӯҳи қутси Мустафо шод оварӣ.*

*Ростию ростакорӣ ҳамтананд,*
*Ҳарду як ҷо, ҳуснбахши меҳананд.*

*Ҳар куҷое Ростӣ маснадшин аст.*
*Каҷбозӣ худ ба худ гардан шикаст.*

*Аз ҳамин сарҷӯ кашад огозҳо.*
*Офаридандоҳои саъд, эъҷозҳо.*

*Каҷниҳоде рафту гар парвоз кард.*
*Доманаш ҳеҷу зи ҳеҷ огоз кард.*

*Ростию каҷабозӣ душмананд,*
*Дар ҳама айём гӯри ҳам кананд.*

*Ростӣ ки дӯстӣ мепарварад.*
*То адолатпешагӣ бор оварад.*

*Чун адолат ҳокими мухтор шуд,*
*Ҳар ду рӯи каҷниҳодӣ тор шуд,*

*Чораи бечораро чун дузд бурд,*
*Каҷниҳодӣ аввалин дасташ фишурд.*

*Чунки ду-ду дар табартақсими мол,*
*Шомшину рӯзичини бемалол.*

*Хулқи ҳарду мояи фисқу фуҷур,*
*Мекунад танҳо ҳисобӣ шоми гӯр.*

*Ростӣ, ки бо адолат Ҳурмузанд,*
*Поктар андар замин чун баҳманинд.*

*Ростӣ аз чӣ ҳаме андар даҳон,*
*Сархат асту мавзун асту достон?*

*Хоҳ Саъдӣ, хоҳ Ҷомӣ, Рӯдакӣ,*
*Васф кардӣ, васфи инсони закӣ.*

*Ростӣ чунки сари қуръон бувад,*
*Кацниҳодӣ дудаи имон бувад.*

*Ҳоҷӣ Усмон сӯи имон, рост рав,*
*Умри серӯза бубин, андар дарав.*

*Доси халлоқи азал тез аст, тез,*
*Аз дами он нестӣ ҷои гурез,*

*Ростикорӣ муъҷизоту неъмат аст,*
*Он чӣ овардам ба пирӣ, хибрат аст,*

*Он, ки бо панди ниё кардӣ убур.*
*Ду ҷаҳони ӯ бидон шамси булур.*

Соли 2008.

# УСМОН ОЛИМ

# ДОСТОНИ ВАТАНХОҲӢ

***(достон аз як оилаи азиятдидаи ҷанги шаҳрвандӣ бо таҳриру такмили нав, бахшида ба ҷашни 20-солагии Истиқлолият)***

Муҳаррири масъул Мардони Қурбон

Ба матбаа 20.03.2011 супорида шуд. Ба чопаш 7.04.2011 имзо шуд. Қоғази офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 1,6. Андозаи 60х84 1/32. Адади нашр 300 нусха.

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
Дар матбааи ҶДММ «Ховарон»
ба таъб асидааст.



Модаре, ки пешааш: омӯзгор,
Нури рӯҳаш то абад оинадор.
Чун ки дарси аввалини хештан,
Сар кунад аз дӯстдории Ватан.
Покмеҳраш бо Ватан, ки тавъам аст,
Ҷоннисориҳо ба ҳар ду, Рустам аст.

(Дар сурат шодравон
додаи ҷумҳурӣ, мода
Абдухолик Шамсов
шогирдон, 1980)

213415